*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 110 (4530) | ДУШАНБЕ, 5 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи ба эҳтиёт рухсат додани хизматчиёни ҳарбие, ки муҳлати муқарраргардидаи хизмати ҳарбиро адо намудаанд ва даъвати навбатии шаҳрвандони солҳои таваллуди 1995 - 2004 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмати ҳарбӣ**

Мутобиқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа» **фармон медиҳам:**

1. Хизматчиёни ҳарбие, ки муҳлати муқаррargardидаи хизмати ҳарбиро адо намудаанд, моҳҳои октябр - ноябри соли 2022 аз сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қӯшунҳои мудофиаи граждании Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бригадаи посбоникунандаи сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Баталиони кишоварзии Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба эҳтиёт рухсат карда шаванд.

2. Моҳҳои октябр - ноябри соли 2022 шаҳрвандони ҷинси марди то рӯзи даъват ба синни 18 расида, инчунин шаҳрвандони синни калонтари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳуқуқи ба таъхир андохтани муҳлати даъват ё озод будан аз даъват ба хизмати ҳарбиро надоранд, барои хизмат ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қӯшунҳои мудофиаи граждании Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бригадаи посбоникунандаи сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Баталиони кишоварзии Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват карда шаванд.

4. Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони комиссияи даъватии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо бо иштироки намояндагони мақомоти амният ва корҳои дохилӣ даъвати шаҳрвандонро аз ҳисоби интихоби дақиқи даъватшавандагон ба қӯшунҳои сарҳадӣ, Гвардияи миллӣ ва қисмҳои ҳарбии таъиноти махсус, бо дарназардошти хусусиятҳои хоси хизмат дар ин воҳидҳо ва дар навбати аввал пуррагардонии онҳо амалӣ намоянд.

5. Раисони шаҳру ноҳияҳо якҷо бо комиссариатҳои ҳарбӣ бо дарки масъулият барои амалӣ намудани муқаррароти моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» даъвати муташаккилонаи шаҳрвандонро ба хизмати ҳарбӣ ба роҳ монанд.

6. Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагӣ ва рафти даъвати шаҳрвандонро ба хизмати ҳарбӣ ба таври васеъ инъикос намуда, хизмати ҳарбиро дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон тарғиб намоянд.

7. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муоинаи тиббии назоратии даъватшавандагоне, ки аз ҷониби комиссияҳои даъватии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияҳо даъват шудаанд, табибону мутахассисони ботаҷрибаро сафарбар намоянд.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 сентябри соли 2022, № 451**

## ҚАДРДОНИИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ АЗ ЧЕМПИОНИ ҶАҲОН



**Панҷуми сентябри соли 2022 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ варзишгари ҷавон – дастпарвари «Мактаби махсуси варзишии захираҳои олимпии №6 оид ба намудҳои гӯштин»-и шаҳри Душанбе, чемпиони ҷаҳон оид ба дзюдо миёни ҷавонон Эмомалии Нуралиро ба ҳузур пазируфт.**

Раиси шаҳри Душанбе варзишгарро, ки дар Чемпионати ҷаҳон оид ба гӯштини дзюдо байни ҷавонон иштирок карда, сазовори медали тилло гашт ва Парчами Тоҷикистонро баланд бардошт, таҳният гуфт. Сипас, ҳамчун нишони қадрдонии Пешвои миллат ва Раиси шаҳри Душанбе ба чемпиони ҷаҳон калиди хонаи дуҳуҷрагиро бо ҳама шароити рӯзгор дар пойтахти мамлакат тақдим намуд.

Ёдовар мешавем, ки 7 - 12 августи соли ҷорӣ дар шаҳри Гуайкили Эквадор Чемпионати ҷаҳон оид ба гӯштини дзюдо байни ҷавонон баргузор шуд. Дар он 373 варзишгар аз 63 давлати дунё иштирок намуданд. Эмомалии Нуралӣ дар мусобиқаи бонуфуз дар вазни 66 кило ҳамаи ҳарифонашро шикаст дода, унвони чемпиони ҷаҳонро соҳиб гардид.

Раиси шаҳри Душанбе ба варзишгар дар мусобиқаҳои оянда барору музаффарият таманно намуда, иброз дошт, ки ҷавонони бонангу номус муаррифгар ва номбардори Ватан маҳсуб меёбанд ва ҳамеша зери таваҷҷуҳ ва ғамхориҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор доранд.





## ИҶЛОСИЯЕ, КИ ДАВЛАТРО АЗ НОБУДӢ ВА МИЛЛАТРО АЗ ПАРОКАНДАГӢ НАҶОТ ДОД

**Панҷуми сентябри соли равон дар толори маҷлисгоҳи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба 30 - солагии Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - оғози давлатдории навини тоҷикон» конференсияи ҷумҳуриявӣ баргузор гардид.**

Дар он аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Палатаи ҳисоб, директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Бонки миллии Тоҷикистон, роҳбарони масъули Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, олимон ва намояндагони воситаҳои ахбори омма ширкат варзиданд.

Конфронсро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҳусни оғоз бахшида, иброз намуд, ки соли равон мардуми Тоҷикистон 30 - солагии баргузории Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар фазои сулҳу субот ва созандагию бунёдкорӣ таҷлил мекунанд. Ҳамаи дастовардҳои бузурги миллати сулҳпарвари тоҷик дар даврони навин маҳсули сиёсати хирадмандона, дурандешона ва фарҳангпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Ба бахти миллати тоҷик маҳз дар ҳамон иҷлосияи тақдирсоз муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Сарвари давлат интихоб гардиданд ва дар мушкилтарин давраи таърихӣ бо иродаи сиёсӣ ва ғурури баланди миллӣ тавонистанд, ки давлатро аз парокандагӣ, миллатро аз вартаи нобудӣ ва кишварро аз ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ раҳо бахшида, халқро зери сиёсати созанда сарҷамъ биёранду ваҳдати миллиро таъмин намоянд.

Раиси Маҷлиси миллӣ зимни суханронии ифтитоҳӣ аз таърихи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои тайкардаи он дар зарфи 31 сол мухтасар маълумот дода, ёдовар гардид, ки баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фазои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба буҳрони ҷиддӣ гирифтор шуд. Бо дасисаю фитнаи душманони миллат оташи низоъ ва даргириҳо дар гӯшаю канори мамлакат авҷ гирифт. Дар чунин вазъияти ҳассоси сиёсию иҷтимоӣ моҳи ноябри соли 1992 бо ҳадафи баҳамоӣ ва оғози музокирот бо ҷонибҳои даргир дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

- Муҳимтарин дастоварди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин буд, ки дар чунин марҳилаи муҳими таърихӣ шахсияти миллию мардумиро дар симои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба арсаи роҳбарӣ овард. Дар чунин вазъи фоҷиабор он кас ба арсаи сиёсати давлатдорӣ ворид гардида, бо эҳсоси баланди ватандорӣ ҷасурона дар ин масири ноҳамвори сиёсӣ қадам ниҳода, ба бунёди сохторҳои давлатдории миллӣ асос гузоштанд,- иброз намуд Рустами Эмомалӣ.

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зоикрзода дар мавзӯи «Нақши Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи навини тоҷикон» маърӯза намуда, ёдовар шуд, ки аз моҳҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар кишвар ҳизбу ҳаракатҳои сиёсии қудратхоҳу ҷоҳпараст, маҳалбозу моҷароҷӯ, аз лиҳози сиёсӣ хеле камзарф ва нотайёру курситалаб садди роҳи фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ гардида, бо истифода аз беҷуръатию камҳавсалагии роҳбарияти сиёсии давр барои ба даст овардани зимоми давлатдорӣ ба амалҳои мунофиқонаю моҷароҷӯёна ва муташанниҷ гардонидани авзои сиёсии кишвар машғул буданд.

Маҳз бо таъсири неруҳои радикалии дохилии худхоҳу ба ном «сиёсатмадорон»-и ноогоҳ ва роҳнамоию бадсириштии хоҷагони хориҷии онҳо Тоҷикистон дар як замони кӯтоҳ ба гирдоби фалокатҳои азими сиёсӣ ва ниҳоят, ба ҷанги хонумонсӯзи дохилӣ кашида шуд.

Он ҷанг ба ғайр аз оҳу фиғону фироқ, қатлу куштору ғорат, хисороти молию ҷонӣ, парешонии миллат, муҳоҷирони иҷборию ятимони бешумор, хонаҳои сӯхтаю валангор, ашки ҳасратбору шашқатори волидону фарзандон ва ноумедию нобасомониҳои зиёди одамон чизи дигар боқӣ нагузошт.

- Маҳз бо интихоб шудани абармарди нотакрор ва далеру шуҷоъ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Раиси Шӯрои Олӣ раванди расидан ба сулҳу оштӣ ва гирифтани пеши роҳи ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандӣ шурӯъ шуд, - гуфт Маҳмадтоир Зокирзода.

Зикр гардид, ки дар рафти Иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси Роҳбари тозаинтихоби давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар навбати аввал ба ҳаллу фасли як қатор масъалаҳои умда, аз қабили ҳар чӣ зудтар гирифтани пеши роҳи хунрезӣ, хотима додан ба ҷанги харобиовар ва барқарор кардани ҳаёти осоиштаи мардум, барқарор намудани фаъолияти фалаҷшудаи шохаҳои ҳокимият ва кори муътадили сохтору мақомоти давлатӣ аз марказ то маҳалҳо, ба Ватан баргардонидани гурезаҳо ва фирориёни иҷборӣ, бо андешидани чораҳои фаврӣ аз байн бурдани хатари гуруснагӣ, бо маҳсулоти озуқаворӣ ва доруворӣ таъмин кардани мардум, барқарор кардани фаъолияти муназзами мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ташкили Артиши миллӣ ва бо таъсиси сохтору қувваҳои сарҳадбон ба роҳ мондани ҳифзи сарҳади давлатӣ, танҳо бо роҳи сиёсӣ, яъне музокироти миёни тарафҳо ҳал кардани мушкилоти мавҷуда, ҳифзи тамомияти арзӣ, истиқлолияти давлатӣ ва таъмини ваҳдати миллӣ, истифодаи муассир ва ҳамаҷонибаи воситаҳои сиёсӣ барои барқарор ва устувор кардани муносибатҳои самарабахши байналмилалӣ иқдом карда шуд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## ПАРЛУМОНҲО БОЗУИ ТАВОНОИ ДАВЛАТҲОЯНД

**Қодири ҚОСИМ,**
**муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**



**Ҳар қадар ки роҳи ҳуқуқии рушди давлату ҷомеа ба сӯи ормонҳои милливу мардумӣ ҳамвору суфта бошад, ба ҳамон андоза усулҳои давлатдории мо муътадил ва ором ба ҳадафҳои конститутсионӣ наздик мешавад. Ин ҳадафҳо бунёди давлати миллии комилан демократӣ, ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ ва дунявӣ аст, ки дар он ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун арзиши олӣ эътироф ва ҳифз мешаванд.**

Дар шароити буҳронҳои молиявӣ ва роҳгумии рушди соҳибихтиёрии иддае аз давлатҳо, ки бо инқилобҳои сохтаю ранга оромии оламро вайрон кардаанд, халқ аз парлумони тозаинтихоб масъулияти бузургро тақозо ва зиндагии босаодатро умед дорад. Аз ин рӯ, дар шароити мураккаб ва ҳассоси ҷаҳон, ки минтақаҳои калонро ба буҳронҳои сиёсиву молиявӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва ҳатто фарҳангӣ кашидааст, ба зиммаи мо - вакилони Маҷлиси намояндагон масъулияти ниҳоят бузург истодааст.

Раванди қонунгузорӣ ва фаъолияти парлумони кишвар фаъолияти зинда ва эҷодкоронаест, ки он дар доираи манфиатҳои миллат ва давлат восбаста ба набзи ҷомеа ва ҷаҳон рушд менамояд. Ҳар лоиҳае, ки парлумони кишвар мавриди баррасӣ қарор медиҳад, он ҳамчун ноқили устувори пайвастҳои иҷтимоӣ бояд неруи ваҳдат, субот, ҳамдигарфаҳмӣ ва рушди манфиатҳоро тарзе ҷойгир намояд, ки дар ҳаёти ҳуқуқӣ ва низоми давлатдорӣ тавонад вазифаҳоро дурусту самаранок ба иҷро расонад.

Воқеан, дар баробари ҳадафҳои стратегӣ, орзую омоли халқ ба шаклгирии заминаҳои ҳуқуқӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ аз таъсири равандҳои сиёсии дохилию хориҷӣ бениҳоят бузург аст.

Дар ҷаҳон рақобатҳои шадиди геополитикӣ авҷ гирифта истодаанд, ки оқибати онҳо ба иқтисодиёт ва иҷтимоиёти Тоҷикистон низ бетаъсир нест. Чунин вазъ аз мо - вакилони Маҷлиси намояндагон талаб менамояд, ки дар фаъолияти қонунгузорӣ аҳамияти аввалиндараҷа ба таъмини суботу оромӣ ва рушди иқтидори иқтисодиву молиявии кишвар диҳем. Қонунҳое қабул намоем, ки онҳо ҷиҳати пешгирии амалҳои коррупсионӣ мусоидат карда, барои рушди бонизоми иқтисодӣ ва асосҳои молиявии давлат хизмат намоянд.

Аз ин масъулият Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳам ҳангоми суханрониашон дар ҷаласаи нахустини парлумон таъкид намуданд: «Дар шароити вазъи зудтағйирёбандаи ҷаҳонӣ таъмини сулҳу суботи сиёсӣ, ободииояндаи Ватан, пешрафти бомароми ҳамаи соҳаҳои ҳаёти мамлакат, эҳтироми меъёрҳо ва муқарраротӣ қонунгузорӣ, ҳимояи манфиатҳои олии милливу давлатӣ ба фаъолияти бомароми мақоми қонунгузори кишвар вобастагии амиқ дорад».

Дар ин замина бояд дар назар дошта бошем, ки қонун ҳамчун танзимгари асосии ҳаёти ҷамъиятӣ дар баробари фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқии рушди ҷомеа, яке аз воситаҳои муассири пешгирии вуруди унсурҳои фарҳанги бегона ва ҳаракатҳои номатлуб мебошад. Аз ин рӯ, вазифаи мо таҳия ва қабули қонунҳоест, ки дар марҳилаи муосири рушди кишварамон зарурӣ буда, ҷавобгӯи манфиатҳои милливу фарҳангии халқи Тоҷикистон бошад.

Имрӯз, ки парламентаризм дар кишвар ба марҳилаи сифатан нави рушд қадам ниҳода истодааст ва парлумони нав дар ибтидои кори худ қарор дорад ба ин нукта махсусан таъкид намуданиам, ки мақсад ва ҳадафи вакил танҳо иҷрои ҳуқуқи ташаббуси қонунугузорӣ ва қабули қонунҳо набуда, балки мусоидат кардан ба қабули қонунҳои устувор ва мутобиқ ба шароити давру замона, ки дар доираи манфиатҳои имрӯзу фардои миллат тавонад аз имтиҳони вақт бидуни тағйирпазирӣ гузашта, ба ҳукми одат ва анъанаи халқ табдил ёбад. Қонун ҳамон вақт ба ҳукми одат ва анъана табдил меёбад, ки вай ба дарди мардум даво бахшад, ба ҳалли мушкилии онҳо кумак намояд, зиндагии халқро осон созад. Маҳз чунин қонунро қонуни ҳуқуқӣ, устувор ва замонавӣ меноманд, ки барои муддатҳои дур дар низоми ҳуқуқӣ хизмат менамоянд.

Барои ноил шудан ба чунин қонунҳои ҳуқуқӣ ва такмили сифати онҳо парламенти кишварро зарур аст, ки дар баробари қабули қонунҳо ба вазъи иҷрои онҳо, сифати амалишавии меъёрҳо, муносибати мардум бо мазмун ва талаботи онҳо бештар таваҷҷуҳ намуда, дар вохӯрию суҳбатҳо бо интихобкунандагон ҷиҳати такмили низоми қонунгузорӣ ва бартараф намудани монеаю мушкилиҳои нигилизми ҳуқуқӣ диққат диҳанд.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

# ИҶЛОСИЯЕ, КИ ДАВЛАТРО АЗ НОБУДӢ ВА МИЛЛАТРО АЗ ПАРОКАНДАГӢ НАҶОТ ДОД

**(Идома аз саҳ. 1)**



Раиси Маҷлиси намояндагон ёдовар шуд, ки дар таърихи навини давлатдории тоҷикон падидаи дигари муҳиму тақдирсоз ваҳдати миллӣ ба шумор меравад. Пайдост, ки бе сулҳу оромиш, тинҷию амонӣ ва ваҳдату ягонагӣ ҳифзу нигоҳ доштани Истиқлолияти давлатӣ ва рушду камоли давлату давлатдорӣ ғайриимкон аст.

Ҳамчунин зикр кард, ки дастовардҳои кишвар осон ба вуҷуд наомада, балки заминаҳои зиёди таърихиро доро мебошад. Бузургтарин дастоварди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ он буд, ки шахсияти миллию мардумиро дар симои Эмомалӣ Раҳмон ба арсаи роҳбарӣ ва давлатдорӣ дар марҳилаи навини таърихӣ овард. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз зумраи шахсиятҳое мебошанд, ки на танҳо дар ташаккул ва таҳаввули таърихи навини миллати тоҷик, балки барои эҳё намудани падидаҳои неку писандида ва арзишҳои волои фарҳангии ниёгонамон хизматҳои барҷаста карда, воқеан ҳам, дар таъсиси давлати навини соҳибихтиёри тоҷикон саҳми бунёдгузориро доранд.

Хизматҳои шоёни Пешвои миллат дар раванди тағйироти муосири бунёдкориву созандагӣ, аз ҷумла рушди босуботи иқтисодӣ, бунёди неругоҳҳои барқи обӣ, ҳалли мушкилоти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, баланд бардоштани ҳисси ифтихори миллӣ, ҷорӣ намудани сиёсати афзалиятноки давлатӣ дар ҳама соҳаҳо ҷойгоҳи махсус дорад.

- Пешвои миллат ба арсаи сиёсат бо ҷасорат, матонат, дилу нияти пок ворид шуданд ва чун фарзанди сарсупурдаи миллат дар муддати кӯтоҳи таърихӣ тавонистанд мардуми аз ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ азияткашидаи Тоҷикистонро сарҷамъ намуда, барномаи дар ҷаҳони муосир беназири расидан ба сулҳ ва ризояти миллиро таҳия ва амалӣ кунанд. Маҳз самараи талошҳои пайвастаи Сарвари давлат буд, ки Тоҷикистон ба марҳилаи рушди устувор ворид шуда, дар самти беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ба дастовардҳои хеле назаррас ноил гардид. Роҳи пурифтихоре, ки Тоҷикистони азиз таҳти роҳбарии собитқадамонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон паймудааст, ба садсолаҳо баробар мебошад, - гуфт дар поёни суханрониаш Маҳмадтоир Зокирзода.

Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода дар мавзӯи «Нақши иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барқарор намудани сохти конститутсионӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон» баромад кард. Бино ба гуфти ӯ, яке аз вазифаҳои асосии «Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъи ҷанги шаҳрвандӣ, барқарор намудани сохти конститутсионӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ба шумор мерафт Бе ҳалли ин масъала амалӣ кардани дигар вазифаҳо, аз ҷумла баргардонидани гурезаҳо, обод намудани хонаю деҳаҳои сӯхтаю валангоршуда, кумак расонидан ба шахсони зарардида ва дар маҷмӯъ, барқарор кардани иқтисодиёти харобгашта, ғайриимкон буд.

Дар иҷлосия бо мақсади қатъи ҷанги шаҳрвандӣ, таъмини тинҷиву оромӣ, қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон, барқарор намудани фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин мақомоти ҳифзи ҳуқуқ якчанд қонунҳо қабул карда шуданд. Қонунҳо «Дар бораи Рӯзи сулҳ ва ризояти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон кардани 26 ноябри соли 1992», «Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят ва амалҳои ғайриқонунӣ содир кардаанд», «Дар бораи тадбирҳои пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноӣ барои содир кардани ҷиноятҳои вазнине, ки бар зидди саломатӣ ва ҳаёти шаҳрвандон, ҳуқуқи амволии онҳо ва барои хароб кардани пояҳои иқтисодию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд» аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

- Дар як муддати кӯтоҳ бо заҳмату талошҳои Сарвари давлат ва роҳбарияти мамлакат оташи ҷанги шаҳрвандӣ хомӯш гардида, сохторҳои фалаҷгардидаи ҳокимият, хусусан мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, барқарор гардида, Артиши миллӣ ва неруҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ таъсис дода шуданд. Дар ҳама шаҳру ноҳияҳо сохторҳои Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Вазорати корҳои дохилӣ аз нав созмон ёфта, онҳо бо аслиҳа ва муҳимоти ҳарбӣ таъмин гардиданд. Ҳамчунин, дар минтақаҳое, ки дар он ҷо амалиёти мусаллаҳона гузашта буданд, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар сохторҳои маҳаллӣ барқарор карда шуданд, - иброз намуд Зариф Ализода.

Раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология, раиси вилояти Хатлон Қурбон Ҳакимзода дар мавзӯи «Нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини амнияти озуқавории мамлакат» сухан ронда, ёдовар шуд, ки бар асари ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, қариб ки ба нестӣ расида буд.

Дар он давра ба Тоҷикистон ва мардуми он қаҳтиву гуруснагӣ ва нооромии ҳамешагию парокандагӣ таҳдид менамуд, ки дар натиҷа, ҳазорҳо хонаҳои сӯхтаву валангор, коргоҳу корхонаҳои истеҳсолии аз фаъолиятбозмондаро, дар мисоли аксар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, алалхусус минтақаи Бохтар, баръало мушоҳида кардан мумкин буд.

Муассисаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла мактабу муассисаҳои тандурустӣ низ аз фаъолият бозмонда буданд ва мардум ба сӯи ноумедӣ афтода, ба зиндагӣ ва фазои орому осуда бовар надоштанд.

- Бояд эътироф намуд, ки ба зимма гирифтани масъулияти давлатдориву давлатсозӣ дар он давра, бе заминаҳои муайяни устувори молиявию моддӣ, иқтисодиёти фалаҷгашта саҳлу осон набуд. Танҳо нафаре метавонист дар ин ҷода дастболо шавад, ки бо дарки баланди ҳувияти миллӣ тамоми ҳастиву вуҷудашро ба миллату сарзамини хеш фидо кунад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи ноябри соли 1992 дар баробари ба даст гирифтани зимоми давлатдорӣ тавонистанд, ки ба дили аксари аҳолии Тоҷикистон роҳ ёбанду мардумро ба якдигарфаҳмиву худшиносӣ, ваҳдату ягонагӣ ва баробариву бародарӣ даъват намоянд,- гуфт Қурбон Ҳакимзода.

Ӯ ёдовар шуд, ки ҳанӯз моҳи сентябри соли 1993 муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар муроҷиаташон унвонии масъулону мутахассисони соҳаи комплекси агросаноатӣ чунин иброз доштанд: «Акнун дар таърихи Ватани мо марҳилаи нав шурӯъ мешавад, ки онро мухтасар марҳилаи ба эътидол овардани вазъияти хоҷагидорӣ ва ҳар чӣ зудтар раҳо ёфтан аз буҳрони азими иқтисодӣ номидан мумкин аст».

Зикр гардид, ки дар он айём бо фармонҳои тақдирсози Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 75 ҳазор гектар замин барои истифода ба аҳолии деҳот тақсим карда шуд, ки ин заминҳоро то ҳол мардум «замини президентӣ» ном мебаранд. Ин иқдоми дурбинонаи Пешвои миллат дар самти таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқа нақши калидӣ ва таърихӣ бозид ва аз ҳама муҳимаш хатари гуруснагиро бартараф намуд.

Баҳри гузаронидани ислоҳоти соҳа Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 1996, таҳти №522 оид ба ислоҳоти куллӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба тасвиб расид, ки тибқи он, дар заминаи колхозу совхозҳо ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ оғоз гардид, ки шумораи онҳо ҳоло ба 185 ҳазор адад расидааст.

- Дар даврони соҳибистиқлолӣ баҳри таъмини амнияти озуқаворӣ зиёда аз 54 ҳазор гектар заминҳои нав ба гардиши кишоварзӣ ворид гардида, ҳар сол қариб дар майдони 200 ҳазор гектар кишти такрории зироатҳои кишоварзӣ гузаронида мешавад. Айни замон саҳми соҳаи кишоварзӣ дар Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мавқеи хосса дошта, саҳми он ҳамасола 23 - 25 фоизро ташкил медиҳад.

Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар мамлакат аз 11 миллиарди соли 1992 ба 40 миллиард сомонӣ дар соли 2021 расонида шуд, ки чор баробар зиёд мебошад,- гуфт дар хотима Қурбон Ҳакимзода.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Сумангул Тағойзода дар мавзӯи «Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушди соҳаи иҷтимоӣ ва дастовардҳои он» ибрози андеша карда, зикр намуд, ки давраи навини қонунгузории кишвар маҳз аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардидааст.

- Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ба масъалаҳои занон ва оила, ҳамчун самтҳои афзалиятнок таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо зикр карданд, ҳадафи олии Давлат ва Ҳукумат беҳтар кардани шароити зист ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар мебошад. Бо ин мақсад дар бист соли охир 3 ҳуҷҷати стратегии паст кардани сатҳи камбизоатӣ, 2 барномаи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум ва стратегияи дарозмуддати рушди кишвар қабул ва амалӣ гардида, ҳоло татбиқи «Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030» ва 176 барномаи давлатӣ идома дорад, - гуфт Сумангул Тағойзода.

Ӯ ёдовар шуд, ки ба муносибати 31 - солагии Истиқлолияти давлатӣ дар давоми се сол зиёда аз 25 ҳазор иншооту биноҳои истеҳсоливу иҷтимоӣ ва инфрасохторӣ сохта, ба истифода дода шуд. Дар натиҷаи корҳои анҷомдодашуда ва амалисозии стратегияву барномаҳои зикргардида дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ дар мамлакат беш аз 3,3 миллион ҷои кори доимӣ ва мавсимӣ таъсис дода шуда, шароити зиндагии сокинон тадриҷан беҳтар гардида истодааст. Аз ҷумла, дар ин давра музди миёнаи меҳнат 87 баробар, андозаи нафақа 80 баробар ва даромади пулии аҳолӣ 75 баробар афзоиш ёфт. Сатҳи камбизоатӣ аз 83 дарсади соли 1999 ба 26,3 дарсад дар соли 2019 коҳиш дода шуд, ки аз ҷумлаи муҳимтарин дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад.

Сумангул Тағойзода дар бораи рушди соҳаи тандурустӣ сухан карда, ёдовар шуд, ки Ҳукумати Тоҷикистон маблағгузории соҳаи тандурустиро ҳар сол зиёд карда, ба беш аз 2 миллиард сомонӣ расондааст. Таи 31 соли истиқлолияти давлатӣ ҷиҳати беҳтар намудани саломатии сокинони кишвар усулҳои муосири ташхису табобат роҳандозӣ гардида, неруи зеҳнии соҳа ва инфрасохтори муассисаҳои тиббӣ таҳким ва тавсеа пайдо кард. Дар ин давра 2 ҳазору 723 иншооти соҳаи тандурустӣ, аз ҷумла 1 ҳазору 546 иншоот ба маблағи 3,5 миллиард сомонӣ бунёд ва мавриди истифода қарор дода шуд.

Пас аз анҷоми музокираҳо Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода Муроҷиатномаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мардуми мамлакатро қироат кард.

Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон Абдуҳалим Ғаффорзода зимни музокира гуфт, ки Муроҷиатномаи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мардуми кишвар аз нигоҳ ва диди имрӯза дастури басо муҳим ва дар бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ асноде ба шумор меравад, ки муҳимияти Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хизматҳои ба дилу дидаи мардуми тоҷик наздику арзанда будани Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро мӯшикофона мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Зарурати ба вуҷуд омадани чунин Муроҷиатнома ҳар як инсони хирадманду шарафмандро водор месозад, бо ақлу заковати тавоно мушкилоти давраи аввали Истиқлолияти давлатиро пеши назар ораду бори дигар ба он харобиҳою мушкилиҳои сангин роҳ надиҳад.

Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон Рустам Раҳматзода таъкид намуд, ки баргузории конференсия ду ҷабҳаи сиёсӣ дорад: Якум, дар давраи навини гузариш мо боз як бори дигар ба ташаккули давлати навини тоҷикон аз лиҳози хатарҳои нави ҷаҳонӣ боздид намоем. Дуюм, баргузории конференсия ва Муроҷиатномаи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сокинони мамлакат иқдоми нек барои тарбияи насли наврас дар ташаккули зиракии сиёсӣ ва сохтмони давлати ҳуқуқбунёду демократӣ ва ҷомеаи башарӣ мебошад.

Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва идомаи талошҳои мардуми шарафманди тоҷик ба шумор меравад.

- Қабули Муроҷиатномаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сокинони мамлакат дар вазъияти зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир, муборизаҳои геополитикӣ, буҳрони сунъии иқтисодӣ ва хатарҳои умумибашарӣ ин иқдоми некест, ки ман ҳамчун вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки масъулияти ҷиддӣ, идомаи анъанаи неки ватандорӣ, дар атрофи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарҷамъ шуда, бо зуҳури ҳушёрию зиракии сиёсӣ дар сохтмони давлати демократӣ ва ҷомеаи башарӣ ҳисса гузоштанро пурра ҷонибдорӣ менамоям, - гуфт Рустам Раҳматзода.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин, раиси Ҳизби аграрии Тоҷикистон Рустам Латифзода зикр кард, ки вазъи имрӯзаи зиндагии мардуми кишварро на танҳо бо солҳои мудҳиши 90-уми асри гузашта, балки ҳатто бо 10-15 соли пештар муқоиса кардан ғайриимкон аст. Мо таи чанд соли охир дар ҳама самт ба пешравии зиёд ноил гаштем.

Мавқеи фаъоли Пешвои миллат, хусусан дар масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ, мубориза бар зидди терроризм ва ифротгароӣ, имрӯз ҳамчун дурусттарин дидгоҳ дар ҳалли таҳдиду чолишҳои минтақавӣ ва глобалӣ дониста мешаванд.

- Мо дар муқобили ҳама гуна таҳдиду чолишҳои замони муосир аз ҳарвақта дида, дар атрофи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарҷамъ мешавем, сиёсати хирадмандона ва созандаи Пешвои миллатро баҳри рушди устувори иқтисодӣ, таъмини сулҳу осоиштагӣ ва зиндагии шоиста барои мардуми кишвар ҳамаҷониба дастгирӣ менамоем ва дар амалӣ гаштани он саҳми муносиб мегузорем, - гуфт Рустам Латифзода.

Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар поёни конференсия иброз дошт, ки Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум дорои аҳамияти бузурги таърихӣ мебошад, зеро маҳз ҳамон иҷлосияи тақдирсоз ба давраи навини қонунгузории кишвар оғоз бахшид.

Бо қабули нахустин санадҳои иҷлосияи мазкур ва талошу заҳматҳои бесобиқаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона ва инчунин барои таҳкими ҳокимияти давлатӣ, ташаккули Истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ заминаи устувор гузошта, дар кишвар ба раванди бунёдкорӣ оғоз бахшид ва симои сиёсии Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намуд.

**АМИНИЁН Хӯҷаназар,**
**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

Аз некон боғ

# ҲАР НИҲОЛ АЗ ҲИММАТИ Ӯ ЁДГОРӢ МЕШАВАД

**Зодаи ноҳияи Фархорам, вале 16 сол инҷониб дар пойтахти кишвар умр ба сар мебарам. Гоҳ-гоҳе муяссарам мегардад, ки ба деҳа сафар намуда, оромгоҳи волидонамро зиёрат намоям. Охирҳои моҳи май чунин имкон даст дод. Шомгоҳ ба деҳа расида, субҳи барвақт ба сари манзили волидон равон гаштам.**

Оромгоҳ дар теппаи Уртабуз қарор дорад. Баъд аз дуову фотеҳа дар ҳаққи гузаштагон аз ҷой бархоста, манзараеро дидам, ки сахт ҳайронам кард. Аз қубурҳои поёноби минтақаи Уртабуз, ки беш аз 30 сол инҷониб обро надида буданд, об меомад.



Аз ҳайрат роҳи хонаро фаромӯш карда, ба боло баромадам. Ба новаҳои бетонии болои теппа расида, дидам, ки дар ҳақиқат пур аз об аст. Бо шукр як каф об нӯшида, даст ба дуо кушодам, ки Худованди меҳрубон ҳар касеро, ки дар ин кор саҳм дорад, умри об диҳад.

Вақти бозгашт аз роҳи дигар бо ҳамдеҳаам, сарвари хоҷагии деҳқонӣ - мулло Абдулмаҷид вохӯрдам, ки бо табъи хуш пахта об медод. Ниҳолҳои пахта ғарқи гул буданд. Ба ӯ баракати кор таманно намуда, пурсон шудам, ки аз ин замин дар як сол чанд ҳосил мегирад?

- Агар Худованд розӣ бошад ва сарвари ноҳияву сардори хоҷагии об ҳамин тавр обро фаровон кунанд, ду ва ҳатто се ҳосил ҳам мегирем. Нақшаҳо зиёданд, - посух дод ӯ.

Дар қитъаи замини дигар низ, ки ба Шамсулло ном ҳамдеҳаам тааллуқ доштааст, ниҳолҳои пахта хуб нашъунамо ёфта, чанд тан машғули кор буданд. Аз Шамсулло фаҳмидам, ки дигар ҳамсояҳояш низ мисли ӯ дар заминаш пахта кишт кардаанд.

Ин ҳама натиҷаи заҳматҳо, бедорхобиҳо, азму талош ва дастуру раҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки аввалан, давлату миллатро наҷот бахшиданду пасон, мардумро ба сулҳу салоҳ ва ваҳдати миллӣ расонидаву фарзандони фарзонаи миллатро ба вазифаҳои роҳбарӣ таъин намуда, ба ободонии мамлакат камар бастанд. Пайравони содиқу вафодор мисли сарвари ноҳияи Фархор, ҷавони ватандӯст ва боғайрату кордон Назирӣ Зариф Ализода ва сардори хоҷагии оби ноҳия Абдуллохон Ҳусейнов имрӯз сиёсати бунёдкорона ва хирадмандонаи Сарвари давлатро самимона дар амал татбиқ менамоянд, ки сазовори таҳсину дастгирист. Бо азму талоши эшон боз як гӯшаи диёр ободу зебо мегардад.

Шоири шаҳир Аминҷон Шукӯҳӣ хеле хуб фармудааст:

**Ҳар кӣ кард обод як саҳрои ноободро,**
**Ҳар ниҳол аз ҳиммати ӯ**
**ёдгорӣ мешавад.**

**Иноят АДОЛАТОВ,**
**устоди Академияи ВКД,**
**Аълочии фарҳанги ҷумҳурӣ**

# ҶАВОНОН ВА ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

**Соли ҷорӣ миллати сарбаланду тамаддунофари тоҷик 31-умин солгарди ҷашни сарнавиштсози миллӣ - Истиқлолияти давлатиро таҷлил менамояд. Маҳз соҳибистиқлолӣ дар бунёди давлатдории навин, рушди соҳаҳои сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву ҳуқуқӣ ва эҳёи арзишҳои миллии мо заминаи боэътимод гузошт.**

Истиқлолияти давлатӣ, чун рамзи саодату асолати миллат, шарафу номуси ватандорӣ ва нишонаи пойдориву бақои давлат дар ҳаёту зиндагии миллати тоҷик дигаргунии куллӣ ба бор овард. Ба шарофати ин рӯйдоди бузурги таърихӣ миллати мо соҳиби рамзҳои давлатӣ - Парчам, Нишон, Суруди Миллӣ ва Конститутсия шуд. Ҳамчунин, кишвари мо аз ҷониби ҷомеаи башарӣ ҳамчун давлати мустақил эътироф гардида, ҷойгоҳи хосро соҳиб шуд.

Истиқлолияти давлатӣ ба ҳаёти ҷавонон пайванди ногусастанӣ дошта, ба ҳаёту фаъолияти онҳо тавъам мебошад. Зеро ҷавонони кишвар, ки қисмати асосии аҳолиро ташкил медиҳанд, зодагон ва тарбиятёфтагони замони соҳибистиқлолӣ мебошанд. Ҷавонони кишвар дар партави истиқлолияти давлатии Ватан бо ҳувияти миллӣ ва ғурури ватандорӣ дар беҳтарин шароит ба воя расида, дар соҳаҳои гуногун кору зиндагӣ доранд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун роҳбари ҷавонпарвар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ рушд, ташаккул ва ҳаёти хуррамонаи ҷавононро ҷузъе аз сиёсати дурбинонаи хеш қарор дода, ин қишри аъзами кишварро пайваста роҳнамоӣ менамоянд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста бо ҷавонон вохӯрӣ анҷом дода, дар суханрониҳои хеш дар бораи рӯзгор ва фаъолияти онҳо ибрози назар менамоянд. Аз ҷумла, Роҳбари мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониашон ба ифтихори 25 - солагии Истиқлолияти давлатӣ иброз дошта буданд: «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати ҷавону ҷавонон буда, синни миёнаи аҳолӣ 24 сол ва 70 фоизи сокинони онро шахсони синни то 30 - сола ташкил медиҳанд. Бо дарназардошти ин, мо аз солҳои аввали ба даст овардани истиқлолият ба татбиқи сиёсати давлат доир ба ҷавонон ҳамчун неруи фаъоли ҷомеа афзалияти бештар муқаррар намудем. Дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ мо дар самти баланд бардоштани нақши ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа, муҳайё сохтани шароити мусоид барои таълиму тарбияи онҳо, илму касбомӯзӣ, аз худ кардани забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои муосири иттилоотиву коммуникатсионӣ тамоми шароити зарурири муҳайё намуда, барои амалӣ гардидани ташаббусҳои онҳо заминаи мусоид фароҳам овардем».

Ҷавонон низ дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ бо истифода аз шароити мусоид ва сулҳу осоиштагии кишвар чун қишри ояндасоз як тану як ҷон паи илму донишанду имрӯз ҳар яке дар самти хеш муваффақанд. Маҳз бо шарофати истиқлолияти давлатӣ баҳри илмомӯзии ҷавонон ҳама шароит муҳайё гардид. Ин аст, ки ҷавонон имрӯз ҷиҳати аз худ намудани илму донишҳои гуногуни мувофиқ ба талаботи замон дар донишгоҳу донишкадаҳои олии кишвар таҳсил намуда, бархеи дигар дар муассисаву донишкадаҳои бонуфузи кишварҳои хориҷӣ таҳсил менамоянд. Самараи соҳибистиқлолии кишвар аст, ки имрӯз ба ҳар соҳае назар кунем, дар баробари дигар қишри ҷомеа ҷавонон низ бо дасту дили гарм паи кору пайкоранд ва содиқонаву софдилона фаъолият карда, дар рушди Ватанамон саҳми муносибу арзанда гузошта истодаанд. Аз ҷаҳду талош ва фаъолияти намунавии онҳо эҳсос мегардад, ки ин қишри ояндасози ҷомеа дар зери ливои истиқлолияти давлатӣ бо боварии комил ба сӯи фардои дурахшон қадамҳои устувор мегузоранд.

Дастгирӣ ва таваҷҷуҳ дар самти ҷавонон тамоюли афзоишро касб намудааст. Чуноне Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд: «Мо дар роҳи ҳифзи истиқлолияти миллӣ ва бунёди давлати муосиру пешрафта нақши ҷавононро хеле муҳим медонем ва минбаъд низ кӯшиш мекунем, ки вазъи иҷтимоиву иқтисодии наслҳои наврасу ҷавонро беҳтар гардонем ва барои рушди ҳамаҷонибаи онҳо тамоми шароити заруриро муҳайё созем. Дар баробари ин, зарур мешуморем, ки ҷавонон сабақҳои истиқлолиятро ҳаматарафа омӯзанд, аз равандҳои сиёсии ҷаҳони муосир огоҳ бошанд, таърихи гузаштаву ҳозираи халқи хешро дуруст аз худ намоянд, Ватан, миллат, истиқлолият ва рамзҳои давлатӣ, инчунин, забон ва фарҳанги худро эҳтиром намоянд ва самимона дӯст доранд».

Шоистаи таҳсин ва боиси ифтихор аст, ки ҷавонони мо имрӯзҳо дар заминаи истиқлолияти давлатӣ ва таваҷҷуҳу дастгириҳои Пешвои миллат фаъолияти босамару созанда дошта, дар рушди кишвари азизамон саҳми шоёни худро гузошта истодаанд. Бешак, ин раванд бардавом буда, минбаъд низ ин қишру ҷомеа дар пешрафти мамлакат фаъол хоҳанд буд.

**Ҳасан ҚУВВАТЗОДА Акрам,**
**сардори шуъбаи автоматикунонии низоми таълим ва тестии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ДАРВОЗ: ЗАМИНИ АЗХУДШУДА САМАР ОВАРД

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мунтазам таъкид менамоянд, ки дар вазъияти доимотағйирёбандаи ҷаҳон ва болоравии нарху навои маҳсулоти аввалия кӯшиш кардан зарур аст, ки ҳама захираву имкониятҳо самаранок истифода шаванд.**



Боиси ёдоварист, ки моҳи августи соли 2020 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои сохтмони канали Хостроғ - Дашти Луч санги асос гузоштанд. Дашти Луч дар баландии 2000 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир буда, дорои 500 гектар замин мебошад. Ба ин мавзеъ аз дарёчаи Хостроғ, ки 18 километр масофа дорад, об оварда шуд. Дар шароити камзамини Дарвоз ин имконияти бо замин таъмин намудани сокинон гардид. Ҳоло дар ин мавзеъ 8 гектар боғи нав бунёд гардида, дар 247 гектар замин ҳама навъи зироат кишт мешавад.

Ба гуфти мудири бахши кишоварзии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Дарвоз Нурмаҳмад Додов, дашти Ёвон низ барои рушди соҳаи боғдорӣ мусоид мебошад. Дар ин ҷо буттаҳои ситрусиро парвариш кардан мумкин аст. Об фаровон аст ва сокинони рустоҳои Ёгед, Шкев ва Сангеву Ушхарви деҳоти «Нулванд» имсол нисбат ба соли гузашта бештар ғалла ва картошкаву сабзавот кишт намуданд.

**Пайшамбӣ ШОҲЗОДА,**
**«Садои мардум»**

# ПАРЛУМОНҲО БОЗУИ ТАВОНОИ ДАВЛАТҲОЯНД

**(Идома аз саҳ. 1)**

Вакилон қонунҳоеро, ки аз назари аҳамияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ мавқеи муҳим ва васеъро фарогир аст, аз мониторинги ҳуқуқӣ гузаронида, бо назардошти ченакҳои муосири давлатдорӣ ва фарҳанги миллӣ табиати иҷро ва татбиқи онҳоро баҳогузорӣ намуда, ҷиҳати ислоҳи вазъ ва норасоиҳои қонун бо пешниҳодҳо ва ташаббуси қонунгузорӣ баромад намоянд.

Таҷрибаи солҳои қаблии парлумон гувоҳ бар он аст, ки мо дар кори мувофиқ овардани мазмуни қонунҳо ба Конститутсия ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба натиҷаи хуб расида, мазмуни қонунгузории кишварро то ба сатҳи стандартҳои (ченакҳои) байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон расонидем. Аммо дар масъалаи мувофиқ намудани мазмун ва муҳтавои қонунҳо ба манфиатҳои давлати миллӣ, дар ҳифзи арзишҳои ватанӣ ва ҳадафу манфиатҳои стратегии имрӯзу фардои кишварамон ҳанӯз мушкилиҳо дорем.

Бояд хуб дар назар дошта бошем, ки ҳар яки мо қатъи назар аз он ки кадом ҳизб ва ё минтақаро муаррифӣ мекунем, лаҳзаи қабули қонун ва баромад дар минбар танҳо ва танҳо намояндагӣ аз халқи Тоҷикистон ва аз давлати азизамон Тоҷикистон менамоем. Ин ҷо ҳама манфиатҳои гурӯҳию ҳизбӣ, минтақавию ҷуғрофӣ ба дараҷаи дуюм меафтанд ва мо ҳама мисли фарзанди Ватан аз рӯи виҷдон ҳамон нукта ва меъёреро масъалагузорӣ менамоем, ки дар он манфиати мардуми кишвар ва давлати Тоҷикистон афзалият дорад. Танҳо дар чунин сурат метавон парлумони кишварро ҳамчун мақомоти касбӣ дар рӯ ба рӯи таҳдидҳои замона дуруст муаррифӣ карда, нақши худро дар шаклгирии низоми мустақили ҳуқуқии давлати соҳибихтиёр ва демократии Тоҷикистон дуруст арзёбӣ намуд. Боварии комил дорам, ки бо чунин неруи зеҳнӣ ва таҷрибаи кофӣ аз уҳдаи ин кор мебароем.



Чунин талабот зимни ба тасвиб расонидани созишномаҳо, шартномаҳо, конвенсияҳо ё ҳамроҳ шудан ба дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ низ бояд ба инобат гирифта шавад. Пеш аз ҳамроҳшавӣ ба ин ё он санади ҳуқуқии байналмилалӣ бояд вазъияти иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсиву фарҳангӣ ва хусусиятҳои хоси мардуми шарифи кишвар, бо назардошти манфиатҳои милливу таърихӣ хуб омӯхта шуда, оқибатҳои ҳамроҳшавӣ ба он низ мавриди таҳлили амиқ қарор гирад. То ки дар ниҳояти кор уҳдадориҳои зиёди байналмилалӣ ба дӯши кишварамон бор карда нашавад.

Таҷрибаи солҳои пеш собит менамояд, ки дар баъзе мавридҳо ҷиҳати вусъат бахшидани муносибатҳои байналмилалӣ ва дуруст муаррифӣ кардани реҷаи сиёсати дарҳои кушод ва муносибатҳои дӯстона дар як муддати кӯтоҳ ба имзои созишномаю шартномаҳои байналмилалӣ рӯ ба рӯ шуда, ҳамчун давлати воқеан сулҳхоҳу дӯстҷӯ қисмати зиёди онҳоро ба имзо расонида, баъдан ба ислоҳоти бузурги низоми ҳуқуқӣ даст зада, то нуктаҳое расидем, ки барои низоми мустақили ҳуқуқии кишвар тазоду ихтилофро пеш овард. Барои роҳ надодан ба ин ҳолатҳо, хуб мешавад, ки таҷрибаи то имзои созишномаҳои байналмилалӣ, омода намудани нақшаи ислоҳоти низоми ҳуқуқиро талаб карда, мувофиқ омадани пиёдашавии онро пурра дар таҷриба санҷида, сипас ба тасдиқ ва имзо розӣ шавем. Чунин таҷриба дар аксар давлатҳои мутараққӣ дида мешавад.

Дар ин замина, қолаби зоҳирӣ танҳо ягонагии низоми ҳуқуқӣ, ҳифзи табиати оилаи ҳуқуқӣ буда, ченаки ягона манфиатҳои мардуми Тоҷикистон - Ватани маҳбуби ҳамаи мо бояд баромад намояд. Ба ибораи дигар, ҳар меъёри байналмилалиро дар парлумони касбӣ аввал аз ғалбери манфиатҳои ватанӣ гузаронида, сипас роҳ додани онро ба низоми ҳуқуқии кишвар баррасӣ кардан зарур аст. Роҳ ба сӯи арзишҳои байналмилалӣ, дастовардҳои ҳуқуқи башар ва ҷомеаи ҷаҳонӣ бо назардошти ба зимма гирифтани уҳдадориҳои байналмилалӣ аз вазифаҳои аввалиндараҷаи парлумони касбист, вале ин вазифа вақте масъулият ва неруи ҳуқуқиро касб менамояд, ки агар он ба табиати давлатдории мо латма, ба ягонагии низоми ҳуқуқиямон халал ва ба манфиатҳои имрӯзу фардои миллат зарар нарасонад.

Мехоҳам диққати шуморо ба вазифаҳои навбатии парлумони касбӣ ҷалб намоям. Албатта, вазифаҳои даъвати нави Маҷлиси намояндагон, қабл аз ҳама, дар он аст, ки қонуну кодексҳои қабулшуда ба талаботи замон мувофиқ кунонда шуда, қонунгузории амалкунанда аз лиҳози милликунонӣ, яъне мутобиқ гардонидани мазмуну муҳтавои ҳар меъёр ва ҳар нуктаи санади меъёрӣ - ҳуқуқӣ ба манфиатҳои халқи Тоҷикистон, давлати соҳибихтиёр ва тақдири имрӯзу фардои кишвар таҷдиди назар карда шаванд. Инчунин, вақти он расидааст, ки барои танзими дахлдори муносибатҳои ҷамъиятӣ ба хотири осонтар намудани танзими ҳуқуқии онҳо ба ҷои маҷмӯи қонунҳои ҳамсон, ки муносибатҳои ҷамъиятии сифатан якхеларо танзим менамоянд, оид ба кодификатсия кардани онҳо масъалагузорӣ намоем.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки алҳол пешорӯи мақоми қонунгузори ҳар давлати ҳуқуқбунёд истодааст, баланд бардоштани сатҳ ва сифати қонунҳо ва ба оммаи мардум наздик гардонидани мазмуну мундариҷаи онҳост. Дар ин самт фикр мекунам, талаботеро, ки таҷрибаи қонунгузории ҷаҳонӣ дар масири таърих рӯи кор овардааст, ҳанӯз ҳам аҳамияташро гум накарда, бояд ба реҷаи фаъолияти ҳар вакил табдил ёбад. Аз ҷумла, роҷеъ ба масъалаи он ки матни қонун бояд мухтасар ва одӣ бошад, ифодаи ирода бояд бидуни тобишҳо сода, рӯшан ва фаҳмо сурат гирад, қонун тарзе навишта шавад, ки аз ҷониби инсонҳои гуногун яксон фаҳмида шавад. Дар навиштани қонун аз истифодаи истилоҳоти номафҳум худдорӣ бояд кард, қонун бояд ба масъалаҳои ҷузъӣ дахолат накунад, ҳадафи вай масъалаҳои умумӣ аст, ки доираи васеи мардумро фаро мегиранд. Беҳтар аст, ки истисно ва маҳдуднамоиро истифода набарем, агар чунин зарурат набошад, зеро истисно аз қонун худ истиснои қонун аст. Бидуни асосҳои кофӣ ба қонун тағйирот ворид нашавад.

Инчунин, пеши роҳи аз ҳад зиёд қабул кардани қонун ё қабули якчанд қонун оид ба масъалаҳои ҳамсон бояд гирифта шуда, сифати қонунҳо мушаххас беҳтар карда шаванд, то ин ки мардум дар мавриди зарурӣ ба ин ё он қонуни дахлдор муроҷиат намуда, роҳи ҳалли ҳуқуқии мушкилашро аз шумораи ҳар чӣ камтари қонунҳо дарёбад.

Нуктаи дигари муҳим дар ин самт забони қонунгузорист. Қонунҳо, пеш аз ҳама, барои оммаи мардум қабул карда мешаванд. Аз ин рӯ, ба масъалаи оммафаҳм гардонидани забони қонунгузорӣ ва ҳамгун намудани истилоҳоте, ки дар қонунҳои соҳаҳои гуногун истифода мешаванд, аҳамияти аввалиндараҷа дода, талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бояд дар madди аввал бошад. Забони қонун ба забони мардум ва забони илми ҳуқуқ пайвасти ногусастанӣ дошта, сатҳ ва сифати он омили муҳими таъсиррасонандаи забони миллат ва давлат аст. Инчунин, масъалаи якмаъно будани мазмуни қонун дар забонҳои тоҷикӣ ва русӣ низ мушкилоти қонунгузории имрӯза ба шумор меравад.

Равшан намудани мазмуни меъёрии қонунҳо, шарҳ додани талаботи қонун, фаъолият дар самти тафсири қонунҳо ва ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор низ аз самтҳои муҳими фаъолияти парлумони касбӣ маҳсуб мешавад, ки бояд ҷоннок гардад. Ин фаъолият дар аксар кишварҳо ҷузъи механизми амалишавии қонунҳо ба ҳисоб рафта, боиси осонтар гардидани амалишавии онҳо мегардад, чунки дар аксар маврид, бинобар ногузир будани истифодаи истилоҳоти касбии соҳавӣ, эҳтимоли нафаҳмидани онҳо аз ҷониби мардуми одӣ ба миён меояд.

Мо бояд фаъолиятро дар парлумон ҳамчун мақоми намояндагӣ, қонунгузор ва мардумӣ бо масъулият дар назди дирӯз, имрӯз ва фардои халқ роҳандозӣ намуда, бо фарҳанги волои қонунэҷодкунӣ баҳри бартараф намудани мухолифат миёни санадҳои қонунгузорӣ, такроршавии меъёрҳои ҳуқуқӣ аз ваколатҳои худ самаранок истифода намуда, фазои ҳуқуқии кишварро ғанӣ гардонида, роҳи рушди ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиро бо неруи қонунҳо ҳамвор, сода ва ба манфиатҳои давлати соҳибихтиёр ва демократии Тоҷикистон мувофиқ намоем.

Бо ин мақсад зарур мешуморам, ки ҳамкориро бо муассисаҳои илмӣ ва донишгоҳҳо бо мақсади анҷом додани экспертизаи лоиҳаи қонунҳо ба таври васеъ ба роҳ монда, аз имкониятҳои зеҳнии ин марказҳои илмӣ баҳри беҳтар кардани сифати қонунҳо васеъ истифода бурда шавад.

Бояд гуфт, ки дар ин самт аллакай дар даъвати амалкунандаи Маҷлиси намояндагон таҷрибаи хуби ҳамкорӣ миёни кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва муассисаҳои илмӣ оғоз шудааст. Аз ҷумла, миёни кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (факултети ҳуқуқшиносӣ), Донишкадаи такмили ихтисоси назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои умедбахш оғоз шудааст. Бояд ҳамкорӣ бо дигар муассисаҳои илмӣ ва донишгоҳҳо, ки фаъолияти онҳо барои беҳтар намудани сифати санадҳои қонунгузорӣ мусоидат карда метавонанд, ба роҳ монда шавад.

Ҳамкорӣ бо субъектони ташаббуси қонунгузорӣ ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати лоиҳаи қонунҳо ба манфиати кор аст. Яке аз субъектони фаъоли ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аз ин рӯ, ҳамкорӣ дар бахши қонунгузорӣ бо Ҳукумат бояд боз ҳам беҳтар ба роҳ монда шавад. Дар ин замина ҳамкории кумитаҳо ва вакилони масъул, ки ба лоиҳаи қонун аз ҷониби кумитаҳо вобаста шудаанд, ҷоннок карда шуда, фаъолият ва вазифаҳои онҳо ҷиҳати баррасии комили лоиҳаҳо такмил дода шавад. Ҳанӯз аз давраи пешниҳод шудани лоиҳа бо намояндаи сохтори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъули лоиҳа мебошад, аз ҷониби вакилон бояд ҳамкорӣ сурат гирифта, мақсад ва ҳадафи лоиҳаи пешниҳодшуда ҳамаҷониба баррасӣ шуда, расмиёти ҳуқуқӣ ва техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ пурра риоя гардад. Маълумоти заруриро ҳангоми зарурат талаб карда гирад ва сари вақт ба воситаҳои ахбори омма ва дигар ҷонибҳои манфиатдор ахбор дода тавонанд.

Ба техникаи қонунэҷодкунӣ ва расмиёти омода намудани лоиҳаи қонунҳо дар бораи буҷети давлатӣ аҳамияти бештар дода, манфиатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии мардум вобаста ба шароит, оқибатҳои даврони гузариш ва асари буҳронҳои молиявии ҷаҳонӣ ҳатман ба инобат гирифта шавад. Чунки бе маълумот ва иттилооти дақиқ роҷеъ ба самтҳои рушди иқтисоди ҷаҳонӣ, инчунин бе таҳлили дахлдори мақоми иқтисодии кишвар дар ин муносибатҳо, пешгӯии зарурии равандҳои буҷетӣ ва ба нақша гирифтани буҷет ба соли оянда бениҳоят мушкил аст. Мақом, нақш ва қимати пули миллӣ вобаста ба асъори хориҷӣ ҳатман ба инобат гирифта шавад. Назорати парлумонӣ оид ба иҷрои дахлдори буҷет низ бояд ба таври дахлдор ба роҳ монда шавад.

Самти дигари муҳими фаъолият баргузор намудани муҳокимаҳои парламентӣ оид ба масъалаҳои муҳими фаъолияти Маҷлиси намояндагон мебошад. Зарур аст, ки оид ба лоиҳаҳои қонунҳое, ки муҳокимаи васеъро талаб мекунанд, шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои тасдиқ пешниҳод шудаанд, ахбори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти иҷрои барномаҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ахбори Бонки миллии Тоҷикистон оид ба истифодабарии қарзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаи иҷрои буҷети давлатӣ ва дигар масъалаҳои муҳими сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар муҳокимаҳои парламентӣ, ҷамъиятӣ ва мониторинги қонунгузорӣ гузаронида шавад.

Инчунин, ташкил ва баргузор намудани конференсияҳо, ҷамъомадҳо, мизҳои мудаввар, машваратҳо ва иштирок дар кори онҳо низ ба фаъолияти қонунгузории вакилон манфиатбахш хоҳад буд.

Дар шароити таъсири рӯзафзуни падидаҳои номатлуб ба мафкураи ҷавонон ва умуман аҳолӣ ба таври дахлдор ба роҳ мондани тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ ва дар рӯҳияи эҳтиром ба қонунҳо тарбия намудан яке аз воситаҳои асосӣ ва самараноки пешгирии чунин падидаҳо ва унсури таркибии сиёсати ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ҷоннок намудани фаъолияти вакилонро дар ин самт дар арафаи воҳӯрӣ бо интихобкунандагон зарур шуморида, ба мақсад мувофиқ медонам, ки аз ҳисоби вакилон гурӯҳҳои корӣ таъсис дода, дар моҳи сентябр роҷеъ ба дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ, шукргузорӣ аз неъматҳои соҳибихтиёрӣ ва эҳтимолияти равандҳои ислоҳоти қонунгузорӣ ва конститутсионӣ бо қишрҳои гуногуни ҷомеа дар ҳама шаҳру ноҳия воҳӯриҳо ташкил карда шуда, диққати асосӣ ба баланд бардоштани худшиносии миллии ҷавонон ва муҳаббат ба Ватан дода шавад.

Дар самти муносибатҳои байналмилалӣ ва байнипарлумонӣ низ як қатор корҳо ба анҷом расонида шуданд. Аз ҷумла, 76 гурӯҳи дӯстӣ бо парламентҳои 76 кишвари хориҷии бо мо дӯст ва бародар таъсис дода шуд, ки ин албатта, ҳадди ниҳоӣ набуда, кор дар ин самт идома дорад. Бояд гуфт, ки фақат таъсис додани гурӯҳи дӯстӣ ҳанӯз ба роҳ мондани муносибати мутақобилан муфид нест. Дар ин самт бояд ҷиҳати ба роҳ мондани муносибати байнипарлумонӣ роҳбарони гурӯҳҳо корҳои дахлдорро ба анҷом расонида, муносибат ва робитаро барқарор намоянд.

Ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи кунунии рушди кишвари азизамон расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад. Дар роҳи расидан ба ин ҳадафҳои олии стратегии кишвар қонунҳо воситаи асосӣ ба шумор мераванд. Аз ин рӯ, фаъолият ва нақши Маҷлиси намояндагон дар таҳияи заминаҳои ҳуқуқии самтҳои номбурда низ бояд назаррас бошад.

Ҳамчунин, бояд таъкид намоям, ки мо - вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки функсияи асосиамон таҳия ва қабули қонун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, бояд намунаи олии риояи бечунучарои қонунҳо, поквиҷдонӣ ва садоқат ба Ватану миллат бошем ва дар сафи пеши мубориза бо ҳама гуна кирдорҳои ғайриқонунӣ қарор бигирем.

Нуқтаи назар

# ТАВСИЯ БА НОТАВОНБИНОНИ ДАВЛАТ ВА МИЛЛАТИ ТОҶИК

**Шиносоӣ бо мазмуну муҳтавои матолиби солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар воситаҳои ахбори омма, хоса гузориш аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ, маро дар шинохти бештари чеҳраҳо, дарки беш аз пеши воқеият, огоҳии комилтар аз аъмоли шахсияту гурӯҳҳо дар он даврон амиқтар бурд.**

Ҳарчанд ба ёд овардани он айёми буғранҷ ва муташанниҷ чандон хушоянд нест, вале рисолати инсониву қарзи виҷдони хеш медонам, то ёдовар шавам, ки чанд сол пештар мо бо чӣ мушкилот мувоҷеҳ будем ва кадом шахсият боис гардид, ки рӯзгори саодатманд таъмин гардад. Муҳимтар аз ҳама дар хотир дошта бошем, ки як лаҳза фаромӯш кардани гузашта, аз ёд бурдани сабақҳои таърих боиси он гардид, ки миллат по ба канори вартаи бетаг гузорад. Таҳрикбахши иншои матлаби мазкур низ ҳамин аст.

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ, ки дар мақолаи мазкур меҳвар қарор додем, аз рӯйдодҳои таърихие мебошад, ки дар давлатдории муосири тоҷикон марҳилаи комилан навро оғоз бахшида, давлати дар вартаи нобудӣ қарордоштаро наҷот бахшид ва ҳамчун миллат аз миён рафтани тоҷиконро пешгирӣ кард. Ба ғайр аз ин, ба бесарусомонӣ ва беҳокимиятӣ нуқта гузошт, Роҳбари оқилу хирадманд ва дурандешро интихоб кард, рамзҳои давлатиро тасдиқ намуд.

Он замон бо вуҷуди соҳибистиқлолӣ, ҳатто рамзҳои давлати соҳибистиқол - Парчам ва Нишони миллӣ надоштем ва дар мамлакат Конститутсияи соли 1978 амал мекард. Бамаврид аст ёдовар шавем, ки он вақт на ҳар кас қудрат ва хоҳиши мансаб гирифтан дошт.

Интихоб гардидани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мансаби Раиси Шӯрои Олӣ яке аз ҳазор қаҳрамониҳои ин абармард маҳсуб мешавад. Қаблан навишта будам ва иловатан таъкид менамоям, ки дар баъзе ҳамсоякишварҳо солиёни зиёд ҷанг идома дошта, қисмате аз мамлакатҳои ҳамҷавор, бинобар надоштани шахсияте чун муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба майдони рақобати абарқудратҳо табдил ёфтаанд.

Касе наметавонад инкор кунад, ки Тоҷикистон он айём киштии шикастаеро мемонд, ки ба шахси ҷасур ва сарсупурда ниёз дошт. Шоҳидон, дар мусоҳиба ба камина нақл карда буданд, ки он замон шахсони дар мактаби сиёсат обутобёфта ва дар мансабҳои баланд фаъолияткарда вазифаҳои калидиро рад мекарданд. Гуфта буданд, ки: «ин Ҳукумат умри 7 - рӯза дорад».

Ҳадафи руҷӯи мазкур огоҳии бештар пайдо намудани аҳли ҷомеа ва муътақид кардани ашхоси аз ҳама кас ва ҳама чиз норозӣ маҳсуб мешавад, зеро зиёд дида мешавад, ки нотавонбинон бо меҳвар қарор додани бечоранолӣ ва дар заминаи сафсатапароканиву афсонапардозӣ мехоҳанд «обро лой карда, моҳӣ гиранд». Чунин «дилсӯз»-ҳо дар умрашон ягон кори хайрро анҷом надодаанд. Дороиҳояшон «подош»-и хиёнату ҷиноятҳояшон мебошад...

Ин «аллома» - ҳо, ба ҷои он ки дар заминаи далелҳои асоснок сиёсати Ҳукуматро ба чолиш кашанд ва гӯянд, ки «шумо дар фалон маврид иштибоҳ мекунед» (агар чунин иштибоҳ ҷой дошта бошад), ба эҷоди тавтеа машғуланд. Агар иқдомоти амалинамудаи ин тӯдаро ба риштаи таҳлил кашем, аён мегардад, ки онҳо саропо муғризона буда, аз аҳдофи нопок маншаъ гирифтаанд.

Илова бар ин, «муколама»-и ин ашхос, матолиби иншонамудаи думравону обсофкунакҳояшон аз лиҳози моҳият ва мазмун бамаротиб пасттар аз ғайбати «занакои лаби об» аст. Ҳазёнгӯии иддаи дигар дар зеҳн гумонро дар бобати рӯҳан носолим буданашон шакл медиҳад.

Хуб дарк менамоям, ки пешравиҳои кишвари азизи мо барои инҳо мисли кордест, ки ба гӯшту нохунашон расидааст, хорест, ки муназзам ба дидагонашон мехалад ва устухонеро шабеҳ аст, ки дар гулӯяшон дармонда. Табиист, ки онҳо бо ҳар роҳу васила мехоҳанд «интиқод» кунанд. Миёни мардум маҳбубияти зиёд доштани Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боиси рашкашон аст. Тавре тоҷикон мегӯянд, «алам карда бошад, биниашонро газанд...».

Чаро нотавонбинон эътироф ва арҷгузорӣ намекунанд, ки оғози давлатдории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба давраи мураккабу душвори гузариши мамлакат аз як сохт ба сохти дигар рост омада буд?

Магар фаромӯш кардаанд, ки дар он айёми басо ҳассос ва тақдирсоз Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи ташаккули давлатдории нав, шароити сангини ҷанги шаҳрвандӣ, харобиҳои баъд аз ҷанг ва душвориҳои дигарро паси сар мекард?

Оё метавонанд нодида гиранд ва инкор кунанд, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, сарфи назар аз ҷавонии худ, дар ҷодаи сиёсат аз ин ҳодисаву воқеаҳо аз душвортарин шароиту вазъият бо сарбаландӣ берун омаданд ва ба ин васила ягонагӣ ва тамомияти давлату миллатро ҳифз карданд?

Чаро эътироф намекунанд, ки маҳз дар он марҳилаи тақдирсоз обрӯву эътибори мавсуф афзуд ва дар ниҳоди сокинони ҷумҳурӣ эътимоду боварӣ ба роҳе, ки ин абармард интихоб кардааст, мустаҳкамтар гардид?

Нотавобинон ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонанд нодида гиранд, ки маҳз бо кӯшишҳои пайгиронаи ин абармард сулҳу субот, ваҳдати миллӣ дар кишвар таъмину пойдор гардид, заминаҳои воқеӣ ва мустаҳкам баҳри бунёди пояҳои давлатдории муосир ва инкишофи бемайлони ҷомеа гузошта шуд, ки боиси падид омадани як давлати воҳид, рӯ ба инкишоф ва дар низоми байналмилалӣ соҳибмақом гардид.

Ҳамзамон, таҳкурсии гузариш аз як низоми сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ ба низоми дигар фароҳам омад ва бо вуҷуди ҳама мушкилот давлати соҳибистиқлоламон муназзам рушд намуда истодааст ва пайванди ҷомеа бо ҷаҳони мутамаддини муосир, ки ҷавҳар ва асли онро низоми демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ташкил медиҳад, ба вуҷуд омад.

Дар ҳоле ки ин «бузургон» бо мусоидати хоҷаҳояшон паи тахриби давлат тасмим доранд, шаҳрвандони кишвар бо роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар аз имтиҳони ҷиддии таърих гузашта, баъди ҳазор сол боз аз сари нав баҳри пирӯзии Истиқлолияти давлатӣ Парчами Ватани азизамонро дар олам партавфишон намуданд, низоми давлатдориро дар мамлакат устувор сохтанд, шохаҳои ҳокимиятро таҳким бахшиданд ва дар барпо намудани давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона ба дастовардҳои беназир ноил гардида истодаанд.

Боке нест, агар чанд нотавонбине дастовардҳоро нодида гирад, зеро дар давоми давлатдории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳдофи созандаашон дар заминаи нияти нек ва азми қавӣ татбиқ ёфта, ин раванд муттасил аст. Ин дастовардҳо боис шуданд, ки дар ҷомеа дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд оянд.

Ин «бузургон» мунтазам кишвари моро бо дигар давлатҳо муқоиса намуда, солиёни зиёд сари қудрат будани як нафарро далел барои гӯё паст шудани обрӯи миллат дар арсаи байналмилалӣ «арзёбӣ» мекунанд. Гӯё намедонанд, ки дар кишварҳое, ки барои «демократия»-ашон оби даҳонашон мешорад, аз ҷумла ИМА, садсолаҳо инҷониб «намояндагони» як гурӯҳ давлатро сарварӣ мекунанд.

Садҳо далел мавҷуд аст, ки дар хориҷ аз кишвар низ кори нотавонбинон «аз гиря гузаштаасту ба онҳо механданд». Биноан, аз ҳилаҳои нав кор мегиранд ва дар заминаи бечораноливу афсонапардозӣ тасмим доранд мардумро гумроҳ кунанд. Хестед, ки хобед!

Амалкарди ин қабил аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар хориҷ аз кишвар қарор доштану зидди Тоҷикистон шиорпароканиашон маҳз бо кумаки хадамоти махсуси кишварҳои манфиатдор имконпазир гардидааст. Як назари сатҳӣ кифоя аст то муътақид гардем, ки нотавонбинон комилан дар банди хурофоту таассуб қарор дошта, ҳамеша ҷонибдори ба минтақаҳо ҷудо намудан ва таҳмили ҷанг ба давлатамон мебошанд. Ба ибораи дигар, ин қабил ҳама вақт дар фикри амалӣ кардани ҳадафҳои муғризонаи худ буданду ҳастанд .

Ҳувияти миллӣ аз арзишҳои олии инсонӣ маҳсуб шуда, дар сурати аз даст додани он шахс аз муқаддасоти дигари инсонӣ низ орӣ шуда, қодир аст аҳдофи муғризонаи хоҷаҳояшро татбиқ ва андешаҳои сафсатаомезашонро талқину таҳмил намояд.

Зиндагиву «фаъолият»-и ин «бузургон» монанди «як бому ду ҳаво» аст. Мунтазам аз эҳтиром қоил будан ба арзишҳои милливу инсонӣ ҳарф мезананд, вале дар асл ин муқаддасот барояшон як фулус арзиш надорад. Ба тамоми баҳсу қазия, ки ба кишвари мо рабт дорад, «равған мерезанд»-у мехоҳанд дар замони «ҳафт шаҳри ишқро гаштани Аттор» моро «андар хами як кӯча қарор диҳанд».















Ин тоифа гӯё намедонанд, ки дар солҳои навадуми асри гузашта бо ҷурми онҳо ва «доҳӣ»-ҳояшон ҳуқуқу озодиҳои сокинони Тоҷикистон маҳдуд ва ба хотири «дигарандешӣ» қисме аз онҳо қатлу беватан шуданд.

Бидуни шубҳа ин «дилсӯзон»-и миллати тоҷик барои ба вуҷуд омадани ноором ҳавасманданд. Барояшон бефарқ аст, ки дар ин сурат нафарони зиёде ба мотам мешинанд ва фарзандони ятиммондаи тоҷикро на дигарон, балки модаронашон бо оби чашм ба воя хоҳанд расонд.

Ҳама медонанд, ки (ҳатто онҳое, ки вонамуд мекунанд, ки намедонанд) нотавонбинони мавриди назар тасмими бо роҳи ғайриқонунӣ расидан ба қудратро доштанд. Биноан, аз имконоти фароҳамбуда суиистифода намуда, бозии хатарнокро оғоз карданд.

Таассуб, каҷфаҳмӣ, пайгирии манфиатҳои маҳаллию гурӯҳӣ ва боз иллатҳои дигари зиёде дар кишвари ба тозагӣ истиқлолият бадастовардаи мо асоси ҷанги шаҳрвандиро гузоштанд, ки оташи он ҳаёти ҳазорон ҳамватанони моро ба коми худ кашид, Ватан хароб шудаву тамомияти марзии кишвар зери хатар қарор гирифт.

Зарур ва ногузир аст, ки насли ҷавон аз ҳодисаҳои фалокатбори ибтидои солҳои навадуми қарни рафта сабақ гиранд. Фаромӯш накунанд, ки солҳои навадуми асри гузашта давлати мо, ки бо заҳмати миёншикан, бо устуворию матонати ҳайратовари намояндагони тамоми маҳаллу манотиқи ҷумҳурӣ ободу корам ва шукуфон шуда, шуҳрати хоса касб карда буд, ба саҳрои ваҳшоният ва маъвои бераҳмию бешафқатӣ табдил ёфта буд.

Аз ҷониби дигар, таҳаввулоти охири ҷаҳони муосир, ки пора-пора гардидани давлатҳои мутараққӣ, заволи иқтисоди миллӣ, кушта шудани нафарони бегуноҳ, зуҳури гурӯҳҳои ифротгаро ва ғайра аз ҳамон ҷумлаанд, ҳушдор медиҳанд, ки барои пойдор нигоҳ доштани сулҳу субот дар ҷомеа, таҳкими ваҳдати миллӣ ва таъмини ҳаёти осоиштаи халқамон ҳамеша ҳушёру омода бошем.

Муҳим он аст, ки ба ҳама пешравӣ воқеъбинона ва бидуни тамаллуқ баҳогузорӣ кунем, таҳаввулот дар фарҳанги сиёсӣ, афкори ҷомеа, инчунин тағйироти куллӣ дар рӯҳия ва афкори оммаро эътироф ва арҷгузорӣ намоем.

Ба нотавонбинон бошад, бо иқтибос аз Саъдии Шерозӣ чунин тавсия медиҳам:

**Бимир, то бираҳӣ аз ҳасуд, к-ин ранҷест,**
**Ки аз машаққати он ҷуз ба марг натвон раст.**

**Далер АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**

# БУНЁДИ МАРКАЗҲОИ ОМӮЗИШӢ БАҲРИ РУШДИ ҶАВОНОН

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи ҳамкориҳо бо Бонки ҷаҳонӣ маблағҳои грантиро барои татбиқи «Лоиҳаи таҳкими устувории иҷтимоӣ-иқтисодӣ» ҷалб намуда, дар ноҳияҳои Ванҷ, Шуғнон, Ишкошим, Панҷ, Фархор, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва шаҳри Кӯлоб марказҳои омӯзиши ҷавонон бунёд шуданд.**

**Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид ҳабдаҳ маркази омӯзишӣ бо таҷҳизоти компютерӣ ва мебелу лавозимоти зарурӣ таъмин гардида, ҷиҳати ташкилу баргузории чорабиниҳо барои ҷавонон шарик оид ба татбиқ фаъолият менамояд.**

**Дар маҷмӯъ, баҳри рушди ҷавонон дар минтақаҳои фарогири «Лоиҳаи таҳкими устувории иҷтимоӣ-иқтисодӣ» гузаронидани омӯзишҳо пешбинӣ шуда, минбаъд ҷиҳати таъмин намудани баҳрагирандагони мақсаднок бо манбаъҳои воситаҳои зиндагӣ имкониятҳои лоиҳавӣ дастрас мегарданд.**

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 411322 | МД «Нигоҳдошти боғу гулгашт, майдончаҳои варзишӣ ва бозии кӯдакон» дар назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Тухми гул | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 23.09.2022 15:20:33 |
| 2 | 411324 | Муассисаи давлатии «Боғи Ирам»-и Муассисаи давлатии «Маҷмӯи меҳмонхонаҳо»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагӣ, барқӣ, асбобҳои дастӣ, таҷҳизоти техникӣ, мебел, мӯзаи резинӣ ва либосҳои махсуси корӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 35 | 23.09.2022 16:20:00 |
| 3 | 411325 | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Биринҷ, олу ва юнучқаи пресскардашуда | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 23.09.2022 16:20:00 |
| 4 | 411327 | Раёсати масъалахои кӯли Сарез | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ, аккумуляторҳои махсус, коғази офисӣ, маҷмӯи мебел барои роҳбар ва маҷмӯи рахти хоб | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 49 | 23.09.2022 16:30:00 |
| 5 | 411328 | Кумитаи хифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 21 | 23.09.2022 16:40:00 |
| 6 | 411329 | Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сохтмони бинои «Марказҳои таъминот ва ташхиси бехатарии озуқаворӣ» дар шаҳри Конибодом | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.09.2022 16:50:00 |
| 7 | 411330 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ, хоҷагидорӣ, барқӣ, масолеҳи сохтмонӣ, роҳрави қолинӣ, картриҷ, барномаҳои зиддивирусӣ, SSL-сертификатҳо, диски дурушти беруна, дастгоҳи телефонӣ, кондитсионер ва курсии идоравӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 45 | 23.09.2022 16:50:30 |
| 8 | 411331 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи марказӣ»-и ноҳияи Мастчоҳ | Таъмири бом ва шабакаи канализатсияи шуъбаи эҳёи беморхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.09.2022 17:00:00 |
| 9 | 411332 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мусаввара, лавозимоти кати хоб, ошхона ва ҳаммомхона, мебел ва телевизор барои иншооти «Сохтмони хонаи истиқоматии 9-ошёнагии 45-ҳуҷрадор» дар маҳаллаи 8-уми шаҳри Хуҷанд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 31 | 23.09.2022 17:00:00 |
| 10 | 411333 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Боғи фарҳангию фароғатии Тоҷикистон дар маркази ноҳияи Мастчоҳ (Идомаи корҳои сохтмонӣ - васлнамоӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.09.2022 17:00:00 |
| 11 | 411334 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мизу курсиҳои талабагӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Мастчоҳ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 23.09.2022 17:30:00 |
| 12 | 411335 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии бинои дармонгоҳ дар шаҳри Конибодом (Идомаи корҳои сохтмонӣ - васлнамоӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.09.2022 17:30:00 |
| 13 | 411336 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавсозии боғи фарҳангию фароғатӣ дар маркази ноҳияи Зафаробод (Идомаи корҳои мусаввароті ва муҷассамаи С. Айнӣ дар маводи нарм ва сахт) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.09.2022 17:30:00 |
| 14 | 411339 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхогоҳ - кӯдакистони навъи санатории №76»-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Принтер, кондитсионер, телевизор ва мизи корӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 26.09.2022 10:21:41 |
| 15 | 411340 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсей барои хонандагони болаёқати равияи иқтисодӣ» дар шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 50 | 26.09.2022 10:25:25 |
| 16 | 411342 | Кӯдакистони №1 дар шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 37 | 26.09.2022 10:55:00 |
| 17 | 411343 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №35-и ноҳияи Шаҳринав | Дарҳои оҳанин ва чӯбин | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 26.09.2022 11:00:01 |
| 18 | 411341 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон» | Молҳои хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 49 | 26.09.2022 11:30:00 |
| 19 | 411344 | Муассисаи давлатии вилоятии «Хатлонсинамо» | Таҷҳизоти суратгирӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 26.09.2022 11:50:20 |
| 20 | 411345 | Маркази саломатии ноҳияи Шаҳритус | Таҷҳизоти идоравӣ, маводи хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 21 | 26.09.2022 12:00:20 |
| 21 | 411337 | Муассисаи давлатии «Раёсати обёрӣ»-и шаҳри Душанбе | Сӯзишвории дизелии тамғаи «ДТ-Л-КЗ» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 26.09.2022 12:30:00 |
| 22 | 411346 | Ташкилоти ҷамъиятии «Шуъбаи суғдии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон» дар шаҳри Хуҷанд | Китоб | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 13 | 26.09.2022 13:15:00 |
| 23 | 411349 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбӣ - техникӣ»- и ноҳияи Ёвон | Матраси тиббӣ, миз барои ошхона, курсии ниммулоим ва норбони алюминӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 26.09.2022 13:55:45 |
| 24 | 411338 | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ, маишӣ, барқӣ ва картриҷ барои принтерҳои лазерӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 48 | 26.09.2022 14:00:00 |
| 25 | 411347 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон» | Маводи канселярӣ ва тӯби варзишӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 33 | 26.09.2022 14:00:30 |
| 26 | 411350 | Муассисаи таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Хучанд» | Системаҳои видеоконференсӣ, камераҳои назоратӣ ва таҷҳизоти техникӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 12 | 26.09.2022 14:15:00 |
| 27 | 411318 | Шуъбаи маорифи ноҳияи Ванҷ | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 26.09.2022 15:00:00 |
| 28 | 411323 | Маркази саломатии ноҳияи Рӯшон | Ангишт барои КАТС-и ноҳияи Рӯшон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 26.09.2022 15:00:00 |
| 29 | 411351 | Хадамоти давлатӣ оид ба назорат дар соҳаи энергетика | Таъмири ҷорӣ дар саҳни ҳавлии бинои хадамот | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 26.09.2022 15:30:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни «Сана ва вақти кушодани лифофаҳо» муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТИИ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 20 сентябри соли 2022 музоядаи № 6-ро оид ба фурӯши пораву партовҳои металлҳои сиёҳ баргузор менамояд

**1. 0,694 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар ш. Душанбе, бо нархи ибтидоии 694 сомонӣ;**

**2. 1,683 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар ш. Душанбе, бо нархи ибтидоии 1683 сомонӣ;**

**3. 0,181 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии килиникии ортопедӣ ва осебшиносӣ», воқеъ дар ш. Душанбе, бо нархи ибтидоии 181 сомонӣ;**

**4. 0,046 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи Раёсати тиббии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар ш. Душанбе, бо нархи ибтидоии 46 сомонӣ;**

**5. 0,142 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар ш. Душанбе, бо нархи ибтидоии 142 сомонӣ;**

**6. 2,649 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, воқеъ дар ш. Душанбе, бо нархи ибтидоии 2649 сомонӣ;**

**7. 0,090 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ дар шаҳри Душанбе, воқеъ дар ш. Душанбе, бо нархи ибтидоии 90 сомонӣ;**

**8. 0,380 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи Муассисаи давлатии «Литсейи касбии махсуси маъюбон», воқеъ дар шаҳри Душанбе, бо нархи ибтидоии 380 сомонӣ;**

**9. 0,788 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар ш. Душанбе, бо нархи ибтидоии 788 сомонӣ;**

**10. 0,058 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи Муассисаи давлатии «Хона - интернати пиронсолон ва маъюбон дар шаҳри Панҷакент», воқеъ дар шаҳри Панҷакент, бо нархи ибтидоии 58 сомонӣ;**

**11. 1,1 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи Раёсати молия дар ноҳияи Мастчоҳ, воқеъ дар ноҳияи Мастчоҳ, бо нархи ибтидоии 1100 сомонӣ;**

**12. 0,095 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникии ноҳияи Айнӣ», воқеъ дар ноҳияи Айнӣ, бо нархи ибтидоии 95 сомонӣ;**

**13. 0,420 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи КВД «Тоҷиксуғурта» дар ноҳияи Темурмалик, воқеъ дар ноҳияи Темурмалик, бо нархи ибтидоии 420 сомонӣ;**

**14. 0,6 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайрманқул» дар шаҳри Роғун, воқеъ дар ш. Роғун, бо нархи ибтидоии 600 сомонӣ;**

**15. 1,860 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди шаҳри Левакант воқеъ дар шаҳри Левакант, бо нархи ибтидоии 1860 сомонӣ;**

**16. 1,73 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи политехникии донишгоҳи давлатии Данғара», воқеъ дар ноҳияи Данғара, бо нархи ибтидоии 1730 сомонӣ;**

**17. 1,420 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникии саноати кишоварзии ш. Кӯлоб», воқеъ дар шаҳри Кӯлоб, бо нархи ибтидоии 1420 сомонӣ;**

**18. 0,4 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи Раёсати беҳдошти замин ва обёрӣ дар минтақаи Ҳисор, воқеъ дар шаҳри Ҳисор, бо нархи ибтидоии 400 сомонӣ;**

**19. 1,930 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи Муассисаи давлатии минтақавии ҳайвоноти зотии ноҳияи Шаҳринав оид ба парвариши зоти гӯсфанди ҳисорӣ, воқеъ дар ноҳияи Шаҳринав, бо нархи ибтидоии 1930 сомонӣ;**

**20. 0,45 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи Муассисаи давлатии «Хоҷагии ҷангали шаҳри Ваҳдат», воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, бо нархи ибтидоии 450 сомонӣ;**

**21. 1,2 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар шаҳри Душанбе, бо нархи ибтидоии 1200 сомонӣ;**

**22. 0,051 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи Бозрасии назорати давлатии техникии кишоварзӣ (Гостехнадзор), воқеъ дар шаҳри Душанбе, бо нархи ибтидоии 51 сомонӣ;**

**23. 0,006 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи Коллеҷи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон, воқеъ дар ш. Душанбе, бо нархи ибтидоии 6 сомонӣ;**

**24. 0,331 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумат Ҷумҳурии Тоҷикистон , воқеъ дар ш. Душанбе, бо нархи ибтидоӣ 331 сомонӣ;**

**25. 2,2 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Муъминобод, воқеъ дар ноҳияи Муъминобод, бо нархи ибтидоии 2200 сомонӣ;**

**26. 2,670 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникии ноҳияи Б.Ғафуров», воқеъ дар н. Б. Ғафуров, бо нархи ибтидоии 2670 сомонӣ;**

**27. 17,0 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Зафаробод, воқеъ дар ноҳияи Зафаробод, бо нархи ибтидоии 17000 сомонӣ;**

**28. 0,334 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи чӯяни КВД «Тоҷиксуғурта»дар ноҳияи Темурмалик, воқеъ дар ноҳияи Темурмалик, бо нархи ибтидоии 267,2 сомонӣ;**

**29. 3,2 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи чӯяни Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи политехникии Донишгоҳи давлатии Данғара», воқеъ дар ноҳияи Данғара, бо нархи ибтидоии 2560 сомонӣ;**

**30. 0,1 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи чӯяни Раёсати беҳдошти замин ва обёрӣ дар минтақаи Ҳисор, воқеъ дар шаҳри Ҳисор, бо нархи ибтидоии 80 сомонӣ;**

**31. 0,350 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи чӯяни Муассисаи давлатии минтақавии ҳайвоноти зотии ноҳияи Шаҳринав оид ба парвариши зоти гӯсфанди ҳисорӣ, воқеъ дар ноҳияи Шаҳринав, бо нархи ибтидоии 280 сомонӣ;**

**32. 0,150 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи чӯяни Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн, воқеъ дар шаҳри Душанбе, бо нархи ибтидоии 120 сомонӣ;**

**33. 0,140 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи чӯяни Муассисаи давлатии таълимии «Литсеи касбии техникии ноҳияи Б.Ғафуров», воқеъ дар н. Б.Ғафуров, бо нархи ибтидоии 112 сомонӣ;**

**34. 0,990 тонна пораву партовҳои металлҳои сиёҳи чӯяни Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Зафаробод, воқеъ дар ноҳияи Зафаробод, бо нархи ибтидоии 792 сомонӣ;**

**35. 0,110 тонна пораву партовҳои металлҳои рангаи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар шаҳри Душанбе, бо нархи ибтидоии 1430 сомонӣ;**

**36. 0,002 тонна пораву партовҳои металлҳои рангаи Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ дар шаҳри Душанбе, воқеъ дар шаҳри Душанбе, бо нархи ибтидоии 26 сомонӣ;**

**37. 0,005 тонна пораву партовҳои металлҳои рангаи Муассисаи давлатии «Литсейи касбии махсуси маъюбон», воқеъ дар шаҳри Душанбе, бо нархи ибтидоии 65 сомонӣ;**

**38. 0,016 тонна пораву партовҳои металлҳои рангаи Муассисаи давлатии таълимии «Литсеи касбии техникии ноҳияи Айнӣ», воқеъ дар ноҳияи Айнӣ, бо нархи ибтидоии 208 сомонӣ;**

**39. 0,170 тонна пораву партовҳои металлҳои рангаи КВД «Тоҷиксуғурта» дар ноҳияи Темурмалик, воқеъ дар ноҳияи Темурмалик, бо нархи ибтидоии 2210 сомонӣ;**

**40. 0,080 тонна пораву партовҳои металлҳои рангаи Муассисаи давлатии минтақавии ҳайвоноти зотии ноҳияи Шаҳринав оид ба парвариши зоти гӯсфанди ҳисорӣ, воқеъ дар ноҳияи Шаҳринав, бо нархи ибтидоии 1040 сомонӣ;**

**41. 0,003 тонна пораву партовҳои металлҳои рангаи Бозрасии назорати давлатии техникии кишоварзӣ (Гостехнадзор), воқеъ дар шаҳри Душанбе, бо нархи ибтидоии 39 сомонӣ;**

**42. 0,026 тонна пораву партовҳои металлҳои рангаи Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар шаҳри Душанбе, бо нархи ибтидоии 338 сомонӣ;**

**43. 0,030 тонна пораву партовҳои металлҳои рангаи Муассисаи давлатии таълимии «Литсей касбии техникии ноҳияи Б. Ғафуров», воқеъ дар н. Б. Ғафуров, бо нархи ибтидоии 390 сомонӣ.**

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда соати **10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ДАРАК ДИҲЕД

**✓ Суди ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон аз шаҳрванд Абдуллоев Алимаҳмад Қулович, санаи таваллуд - 10 сентябри соли 1959, зода ва истиқоматкунандаи вилояти Хатлон, ноҳияи Ёвон, Ҷамоати шаҳраки Ёвон, кӯчаи А. Ҷомӣ, бинои 53, ҳуҷраи 7 хоҳиш менамояд, ки аз худ дарак диҳад ё ба Суди ноҳияи Ёвон ҳозир шавад.**

**Аз тамоми шахсоне, ки дар бораи шаҳрванд Абдуллоев Алимаҳмад Қулович маълумоте доранд, ба Суди ноҳияи Ёвон ё бо телефони 93-566-59-29 хабар диҳанд.**

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии № 0139660 бо рақами кадастрии 03-0003-001042-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Ҳисор 4 октябри соли 2019 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти ба номи Мирзо Ризо, деҳаи Ҳосилот ба Мамурова Барно Негматовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ барои ҳавлидорӣ таҳти қайди № 2298-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Ҳисор 7 апрели соли 2008 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Ҳисор, деҳаи Ҳисор ба Сангов Далерҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини якумраи меросӣ бо дараҷаи А № 0526997 таҳти қайди Б - 19036-и гумшуда, ки онро Кумитаи идораи замини шаҳри Ҳисор 15 июни соли 2015 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти ба номи М. Турсунзода, деҳаи Чаманзор ба Салимов Абдушукур додааст, эътибор надорад.

**Хонандагони азиз, инчунин метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои мардум

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неққадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97*

*Ба чопаш 5 сентябри соли 2022, соати 19:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33460 нусха*

**Навбатдорони шумора**
**Т. Неққадам ва М. Ҳисорӣ**

**Тарроҳони компютерӣ**
**Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров**